**Масъулияти роҳбарият оид ба ҷавобгарӣ барои омодасозӣ ва тасдиқ намудани ҳисоботи молиявӣ дар давраe, ки санаи 31-уми декабри соли 2024 ба итмом расидааст**

Тасдиқоти зерин бояд бо дарҷи ӯҳдадориҳои аудиторон, ки дар ҳисоботи аудиторони мустақил пешниҳод шуда бо мақсади ҷудо намудани ҷавобгарии аудиторон ва роҳбарият нисбати ҳисоботи молиявии Фонди қарзии хурди "Ҳамёрӣ" *(минбаъд дар матн- «Фонд»)* якҷоя дида баромада шавад.

Роҳбарияти *Фонд* барои омодасозии ҳисоботи молиявӣ, ки аз ҳама ҷиҳатҳои муҳим ҳолати молиявӣ, натиҷаҳои фаъолият, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва тағирот дар сармояи худиро дар давраe, ки 31-уми декабри соли 2024 ба итмом расидааст мутобиқи талаботи стандартҳои ҳисоботи молиявӣ (минбаъд дар матн «СБҲМ») дуруст инъикос мекунад ҷавобгар аст.

Ҳангоми омодасозии ҳисоботи молиявӣ роҳбарияти *Фонд* барои:

- Интихоби принсипҳои зарурии баҳисобгирии муҳосибавӣ ва минбаъд истифодабарии онҳо;
- Риояи талаботи стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ ва ошкор кардани фарқиятҳои муҳим аз СБҲМ дар эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ; ва
- Омодасозии ҳисоботи молиявӣ бо назардошти он ки *фонд* фаъолияти худро дар ояндаи дур ба ғайр аз ҳолатҳое, чунин ҳисобидан ғайриимкон аст идома медиҳад ҷавобгар аст.

Роҳбарият инчунин барои:

- Коркард, амалӣ намудан ва таъмини амал намудани системаи самаранок ва боэътимоди назорати дохилии *фонд*;
- Доштани системаи баҳисобгирии муҳосибавие, ки дорои имкони дар лаҳзаи дилхоҳ бо амиқии кифоя маълумот оиди ҳолати молиявии *фондро* мувофиқи талаботи СБҲМ тайёр карда тавонад;
- Будани баҳисобгирии муҳосибавӣ тибқи талаботҳои қонунгузорӣ ва стандартҳои муҳосибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Андешидани чораҳо дар доираи марбути худ барои таъмини нигоҳдории дороиҳои *фонд*;
- Ошкор ва пешгирии далелҳои қаллобӣ, хатогиҳо ва дигар намуди сӯиистифодабариҳо ҷавобгар аст.

Ҳисоботи молиявии мазкур барои давраe, ки 31-уми декабри соли 2024 ба итмом расидааст аз тарафи Раёсати фонд тасдиқ шудааст.

Аз номи ФҚХ "Ҳамёрӣ":

| | |
|---|---|
| **Раиси Раёсат** | **Директори молиявӣ** |
| **Мулосафаров М.** | **Акрамов Б.** |